ҚАРОРИ

ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-100 назди Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон дар бораи ба ҳимоя қабул намудани диссертатсияи Зарипов Файзалӣ Абдухолиқович дар мавзуи «Асосҳои институтсионалии сиёсати протексионистии давлат дар вориди маҳсулотҳои кишоварзӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D051300 – Иқтисодиёти ҷаҳонӣ (6D051301 – Иқтисодиёти ҷаҳонӣ)

аз 10 октябри соли 2026 №12 ш. Душанбе

Шурои диссертатсионии 6D.КОА-100 назди Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон пас аз шунидани хулосаи мусбати комиссияи экспертӣ дар ҳайати доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Бобоҷониён Даврон Дадоҷон – раиси комиссия, доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент Сафозода Абдумаҷид Карим – аъзои комиссия, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Хоҷаев Парвиз Давронович – аъзои комиссия, қарор қабул кард:

1. Хулосаи комиссияи экспертӣ аз 03 октябри соли 2026 дар бораи мутобиқати диссертатсияи Зарипов Файзалӣ Абдухолиқович дар мавзуи «Асосҳои институтсионалии сиёсати протексионистии давлат дар вориди маҳсулотҳои кишоварзӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» аз рӯйи ихтисоси 6D051300 – Иқтисодиёти ҷаҳонӣ (6D051301 – Иқтисодиёти ҷаҳонӣ) ба самти ихтисоси зикршуда ва фаъолияти шурои диссертатсионӣ тасдиқ карда шавад.

2. Диссертатсияи Зарипов Файзалӣ Абдухолиқович дар мавзуи «Асосҳои институтсионалии сиёсати протексионистии давлат дар вориди маҳсулотҳои кишоварзӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» ба ҳимоя қабул карда шавад.

3. Ба ҳайси муқарризони расмӣ таъин карда шаванд:

- **Садриддинзода Манучеҳр Исломиддин,** доктори илмҳои иқтисодӣ, мудири Академияи хурди илмҳои Тоҷикистон дар назди Раёсати Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон;

- **Гулаков Умедҷон Маҳмадович** – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи молия ва суғуртаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;

4. Ба сифати муассисаи пешбар **Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон** таъин карда шавад.

5. Рӯйхати зерини аъзои шуро, ки мутахассис оид ба самти

диссертатсияи баррасишаванда мебошанд, тасдиқ карда шавад:

- доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Асрорзода У.С.
- доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Бобоҷониён Д.Д.
- доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент Маҳмадалӣ Б.Н.
- доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Хоҷаев П.Д.
- доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент Сафозода А.К.

6. Санаи ҳимоя 14 ноябри соли 2026, соати 13.00 таъин карда шавад.

7. Барои гузоштани эълони ҳимоя, интишори диссертатсия ва автореферат дар сомонаҳои Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

8. Нашр ва паҳнкунии автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

9. Рӯйхати ташкилотҳое, ки бояд авторефератӣ диссертатсия тавсеа гардад, тасдиқ карда шавад.

Дар асоси варақаи ҳузур дар ҷаласа 12 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ иштирок доштанд.

Қарори ҷаласаи шурои диссертатсионӣ якдилона қабул шуд.

Муовини раиси шурои диссертатсионӣ
д.и.и., дотсент **Раҳимов С.Х.**

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
доктори фалсафа (PhD) **Сайфиддинзода С.С.**